# ҚОНУНИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ҶАВОНОН ВА СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН

**(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004, №7, мод. 459; с.2011, №6, мод. 429;)**

Маҷлиси намояндагон 9-уми июни соли 2004 қабул кардааст
Маҷлиси миллӣ 8-уми июли соли 2004 ҷонибдорӣ намудааст

Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодии тарбия, ташаккул ва камолоти ҷавононро муқаррар намуда, принсипҳо ва тадбирҳои татбиқи сиёсати давлатро дар соҳаи истифодаи пурсамари **неруи** зеҳнӣ ва маънавии онҳо, ки ба манфиати ҷамъият равона мешавад, муайян мекунад.**(ҚҶТ аз 28.06.11, №716).**

## БОБИ 1
## МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

***ҷавонон*** **-** гурӯҳи иҷтимоию демографӣ, ки шахсони 14-30-соларо дар бар мегирад;

***иттиҳоди ҷамъиятии ҷавонон*** - ташкилоти ихтиёрӣ буда, бо ташаббуси ҷавонон, ки дар асоси умумияти манфиат барои ҳалли мақсаду вазифаҳои ягона ва ҳифзи иҷтимоӣ муттаҳид мегарданд, таъсис дода мешавад;

***оилаи ҷавон*** **-** оилае, ки дар он зану шавҳар ё яке аз онҳо ба синни 30-солагӣ нарасидаанд, инчунин падару модароне, ки дар синни то 30-солагӣ кӯдакони ноболиғ доранд;

***муассисаи (хадамоти) иҷтимоии ҷавонон*** **-** шахси ҳуқуқӣ, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, ки ҷавононро дастгирӣ намуда, ба онҳо хизмати иҷтимоию ҳуқуқӣ, маишӣ, тиббӣ, психологию омӯзишӣ, кӯмаки моддию молиявӣ мерасонад, **мутобиқат ва тавонбахшии** иҷтимоию психологии онҳоро таъмин мекунад. Ба сохтори муассисаҳои иҷтимоии ҷавонон инчунин соҳибкорони инфиродӣ, ки ба хизматрасонии **ҷавонон** машғул мебошанд, дохил мешаванд; **(ҚҶТ аз 28.06.11г., №716)**

***воҳидҳои зерсохтории ҷавонон*** - маҷмӯи омилҳои (биноҳо, иморатҳо, иншоот, таҷҳизот) барои фаъолияти ҷавонон зарур ва муассисаҳое, ки ҳифзи саломатӣ, таълиму тарбия, инкишофи ҷисмонӣ, туризм, шуғл ва дигар талаботи иҷтимоии онҳоро таъмин менамоянд;

***сиёсати давлатии ҷавонон*** - системаи ягонаи тадбирҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва тарбиявӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва шаҳрвандон, бо мақсади таъмини таълиму тарбия, ташаккулу камолоти ҷавонон, ҳифзи ҳуқуқ ва истифодаи пурсамари иқтидори онҳо ба манфиати ҷамъият таҳия ва татбиқ мегардад.

**Моддаи 2. Қонунгузорӣ дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон **онҳоро** эътироф намудааст, иборат аст. **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

**Моддаи 3. Мақсад ва принсипҳои сиёсати давлатии ҷавонон**

Мақсади сиёсати давлатии ҷавонон аз инҳо иборат аст:

-мусоидат ба инкишофи маънавӣ, фарҳангӣ, иҷтимоию ҷисмонии ҷавонон;

-ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷавонон;

-муҳайё сохтани шароит барои мустақилона ва бо ҳисси масъулият ширкат кардани ҷавонон дар ҳаёти ҷамъиятӣ**, иқтисодӣ ва сиёсии кишвар**; **(ҚҶТ аз 27.11.2014, №1161)**

-дастгирии моддӣ, молиявӣ ва иҷтимоии **ҷавонон, инчунин ташаббусҳои аҳамияти иҷтимоидоштаи онҳо. (ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

Сиёсати давлатии ҷавонон ба принсипҳои зерин асос меёбад:

**- қонуният;**

**- интихоби самтҳои афзалиятноки рушди сиёсати давлатии ҷавонон;**

- **баҳисобгирии манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни наврасон ва ҷавонон, аз ҷумла ҷавонони имкониятҳои ҷисмонӣ ва рӯҳиашон маҳдуд; (ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-баробарии ҳуқуқҳои қонунии ҷавонон ва гурӯҳҳои дигари аҳолӣ;

-имкониятҳои васеи ҷавонон барои интихоби роҳи ҳаёт;

-ҳуқуқи баробари ҷавонон ба дастгирии давлатӣ;

-нигоҳдорию ҳифзи саломатии ҷисмонӣ ва рушди маънавии ҷавонон, ташаккули ҳисси ватандӯстӣ ва шаҳрвандии онҳо;

-муҳайё сохтани шароити мусоид барои истифодаи ҳуқуқҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва шахсӣ;

-иштироки бевоситаи ҷавонон дар раванди ташаккулу татбиқи сиёсат ва барномаҳое, ки ба онҳо тааллуқ доранд;

- **асоснокии** илмӣ, комплексӣ ва муттасили сиёсати давлатии ҷавонон ва татбиқи он. **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

### Моддаи 4. Самтҳои асосии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон

Сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар **самтҳои** зерин ба амал бароварда мешавад: **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-риояи ҳуқуқи ҷавонон ва таъмини он;

-мусоидат ба фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкории ҷавонон, ташаккули фондҳои **дастгирии иҷтимоӣ ва** соҳибкории ҷавонон; (**ҚҶТ аз 27.11.2014, №1161)**

-дастгирии давлатии оилаҳои ҷавон;

-дастгирии **давлатии** ҷавонони соҳибистеъдод; **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-кӯмаки моддию молиявӣ ба ҷавонон ва хизматрасонии иҷтимоии онҳо;

-мусоидат ба ҳалли масъалаи манзил ва беҳтар кардани шароити зиндагии ҷавонон;

**- тарбияи ҷавонон, аз ҷумла тарбия дар рӯҳияи худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, таъмини иштироки онҳо дар рушди фарҳднги.миллӣ ва забони давлатӣ; (ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-кафолати таҳсили ройгони ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ ва махсуси давлатӣ;

-кафолати таъминоти шахсони ятиму бепарастор, бо ҷои кор таъмин кардани онҳо;

-дастгирии давлатии таҳсили ҷавонон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти касбӣ;

-мусоидат ба шуғли мутахассисони ҷавон;

-таъмини кафолати ҳуқуқи ҷавонон ба меҳнат, интихоби касбу кор ва ҳимояи иҷтимоӣ;

-мусоидат ба ҳамкории байналмилалии ҷавонон;

-дастгирии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон;

**-таъмини иштироки ҷавонон дар рушди ҷомеа ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ сиёсӣ ва фарҳангӣ; (ҚҶТ аз 27.11.2014, №1161)**

-ташкили **фароғат ва** истироҳати ҷавонон; (**ҚҶТ аз 27.11.2014, №1161)**

**- ташаккули фаъолияти волонтёрии ҷавонон, мусоидат ба фаъолнокии ҷавонон дар беҳдошти вазъи иҷтимоӣ ва дасьгирии давлатии онҳо; (ҚҶТ аз 27.11.2014, №1161)**

**- пешгирии ҳодисаҳои номатлуби иҷтимоӣ, нашъамандӣ, майзадагӣ, экстремизм ва терроризм дар байни ҷавонон;**

**- ба ҳаёти ҷомеа фаъолона чалб кардани ҷавононе, ки дар ҳолатҳои душвори зиндагӣ қарор доранд. (ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

**Асоси татбиқи сиёсати давлатии ҷавононро барномаҳои давлатии ҷавонон ташкил медиҳанд, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти самтҳои асосии сиёсати давлатии ҷавонон тасдиқ карда мешаванд. (ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

### Моддаи 5. Асосҳои илмӣ ва таъминоти иттилоотии сиёсати давлатии ҷавонон

Сиёсати давлатии ҷавонон дар асоси комёбиҳои **илму техника** ва бо назардошти анъанаҳои миллӣ ва умумибашарӣ таҳия ва тасдиқ мегардад. **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ якҷоя бо Академияи илмҳои ҷумҳурӣ, дигар муассисаҳои илмию тадқиқотӣ, аз ҷумла соҳавӣ, дар ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шӯроҳои ҷавонон тадқиқоти илмиро дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон ташкил менамоянд ё ба иҷрои чунин тадқиқот мусоидат мекунанд.

Тадқиқоти илмӣ дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон дар барномаҳои мақсадноки давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллии дахлдор, ки дар асоси натиҷаҳои тадқиқоти марбута таҳия мегарданд, ба нақша гирифта ва амалӣ гардонида мешаванд.

Дар асоси натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ оид ба вазъи фаъолияту рӯзгори ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузориш таҳия гардида, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи салоҳияти худ гузориши мазкурро баррасӣ намуда, қарорҳои дахлдор қабул мекунанд.

Давлат барои таъмини хизматрасонии иттилоотии ҷавонон система ва марказҳои иттилоот, шабакаи васеи муассисаҳои фарҳангию маърифатӣ, **аз ҷумла технологияҳои муосири иттилоотӣ,** воситаҳои ахбори умум ва нашриявӣ ташкил карда, фаъолияти онҳоро ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон равона мекунад.

Дастгирии давлатии ташкилоту муассисаҳои мазкур, ки хизматрасонии иттилоотии ҷавононро таъмин мекунанд, дар асоси озмун ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон**, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти **худидоракунии шаҳрак ва деҳот** вазифадоранд ҷавонон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии онҳоро аз тадбирҳое, ки дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон амалӣ гардонда мешаванд, огоҳ намоянд. **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

**Моддаи 6. Вазифаҳои қонунгузорӣ дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон**

Вазифаҳои қонунгузорӣ дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон аз инҳо иборатанд:

-ташаккули асосҳои ҳуқуқии кафолати ҳуқуқҳои конститутсионии ҷавонон, татбиқи амалии сиёсати давлатии ҷавонон;

-муҳайё сохтани шароити мусоид барои тарбия, ташаккул ва камолоти ҷавонон, фаъолияти пурсамари иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шӯроҳои ҷавонон, ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳо бо дигар сохторҳои ҳаёти ҷамъиятӣ;

-муқаррар намудани салоҳият, ҳуқуқ, вазифа ва масъулияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шӯроҳои ҷавонон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаи тарбия, ташаккул ва камолоти ҷавонон, истифодаи иқтидори онҳо ба манфиати ҷамъият.

Шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон, ҳамчун қисми таркибии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон, мутобиқи тартиби дохилидавлатӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, эътибор пайдо мекунанд.

## БОБИ 2
## АСОСҲОИ ТАШКИЛИИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН

**Моддаи 7. Мақомоти идоракунӣ дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон**

Роҳбарии давлатӣ дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон мутобиқи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонда мешавад.

Мақомоти идоракунӣ дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон аз инҳо иборатанд:

-Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**- мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон; (ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-вазорату идораҳои дигар, ки ба тарбия, ташаккул ва камолоти ҷавонон машғул мебошанд;

**- мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ; (ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-мақомоти маҳаллии кор бо ҷавонон;

-иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва ташкилоту муассисаҳои дигар, ки ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон мусоидат мекунанд.

**Моддаи 8. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон:

-роҳбарии самараноки татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, иҷрои қонунҳо, қарорҳо ва фармону амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба соҳаи мазкур мансуб мебошанд, таъмин мекунад;

-барномаҳои давлатӣ ва байналмилалии ҷавононро таҳия, баррасӣ ва тасдиқ намуда, татбиқи ин барномаҳоро аз ҷиҳати илмӣ, моддию техникӣ ва молиявӣ таъмин менамояд;

-самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавононро муайян мекунад;

-заминаи меъёрии ҳуқуқиро дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон ва ҳамоҳангсозии ҳамкории байналмилалӣ ташаккул медиҳад;

-низомномаи **мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон**ро тасдиқ мекунад; **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-меъёр ва стандартҳои камолоти ҷавонон, кафолати ҳуқуқии онҳоро муайян мекунад;

-меъёр ва тартиби дастгирии давлатии гурӯҳҳои **ҷавонон** ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавононро муайян менамояд; **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-системаи ягонаи маълумоти оморӣ, таъмини иттилоотии соҳаи сиёсати давлатии ҷавононро ташкил медиҳад;

-дигар фаъолиятро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ менамояд.

**Моддаи 9. Салоҳияти мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон**

**Мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон**: **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-сиёсати давлатии ҷавононро ба амал мебарорад;

-фаъолияти вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва шӯроҳои ҷавонон, шаҳрвандон, дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ҳамоҳанг мегардонад;

-дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон мутобиқи тартиби муқарраршуда шартнома ва дигар санадҳоро ба имзо мерасонад;

-феҳристи иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавононро таҳия намуда, дастгирии давлатии иттиҳодияҳои мазкурро амалӣ мегардонад:

-лоиҳаи барномаи давлатии ҷавононро таҳия намуда, барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

-низомномаи мақомоти давлатии кор бо ҷавононро таҳия намуда, барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунад;

-меъёрҳои таъмини ҳуқуқи ҷавононро дар соҳаи таълиму тарбия, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоӣ таҳия карда, барои тасдиқ ба мақомоти болоӣ пешниҳод менамояд;

-барои ҷавонони соҳибистеъдод ва духтароне, ки аз ҳисоби квотаи президентӣ дар муассисаҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ таҳсил мекунанд, стипендияи махсус муқаррар намуда, ба онҳо кӯмаки молиявӣ мерасонад;

-ба фаъолияти биржаи меҳнатии ҷавонон оиди бастани шартнома бо ташкилотҳои хориҷӣ мусоидат намуда, ба муҳоҷирони меҳнатӣ хизмати ҳуқуқӣ мерасонад ва онҳоро аз маводи меъёрии ҳуқуқӣ, иттилоотӣ ва методӣ таъмин менамояд;

-якҷоя бо маркази ҷумҳуриявии интихоби касб, мақомоти давлатии меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар мақомоти марбутаи ҷумҳуриявии шуғли ҷавонон ба таъсиси ҷойҳои иловагии кор, **инчунин барои фаъолият дар хориҷи кишвар, касбу ҳунаромӯзӣ ва забономӯзӣ** мусоидат мекунад; **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-оид ба дастгирии давлатии оилаҳои ҷавон тадбирҳои зарурӣ меандешад;

-истироҳати тобистонаи наврасону ҷавононро ташкил мекунад;

-феҳристи захираи кадрҳои ҷавонро бо мақсади пешбарии онҳо ба мансабҳои сохтори хизмати давлатӣ ва роҳбарии ташкилоту муассисаҳои давлатӣ таҳия карда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд;

-бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатиеро, ки сиёсати давлатии ҷавононро амалӣ мегардонанд, ташкил ва таъмин менамояд;

**- фаъолияти вазорату идораҳо, корхонаҳо, муасисаҳо, дигар ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони воқеъӣ ва ҳуқуқиро дар амалӣ намудани фаъолияти волонтёрии ҷавонон ҳамоҳанг месозад; (ҚҶТ аз 27.11.2014, №1161)**

**- оид ба дастгирии давлатии олимон ва ихтироъкорони ҷавон тадбирҳои зарурӣ меандешад; (ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-дигар фаъолиятро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ менамояд.

**Моддаи 10. Салоҳияти вазорату идораҳои дигар дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон**

Вазорату идораҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон:

-дар доираи салоҳияти худ татбиқи сиёсати давлатии ҷавононро дар соҳаҳои марбута таъмин менамоянд;

-барномаҳои соҳавии мусоидат ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавононро таҳия, баррасӣ ва тасдиқ карда, иҷрои онҳоро назорат ва таъмин менамоянд;

-бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва таҳсилоти иловагии ҷавононро дар ташкилоту муассисаҳои таҳсилотии сохтори худ, аз ҷумла дар **муассисаҳои касбомӯзӣ ва таҳсилоти иловагӣ**, ташкил ва таъмин менамоянд; **(ҚҶТ аз 28.06.11с., №716)**

-фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, хадамоти иҷтимоии ҷавононро дар сохторҳои худ таъмин ва назорат карда, онҳоро аз ҷиҳати моддию молиявӣ ва методӣ дастгирӣ менамоянд.

**Моддаи 11. Салоҳияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон**

**Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ: (ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-сиёсати давлатии ҷавононро дар маҳалҳо татбиқ менамоянд, барномаҳои минтақавӣ ва маҳаллии ҷавононро бо назардошти хусусиятҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маҳаллӣ, демографӣ ва ғайра таҳия намуда, амалӣ мегардонанд;

-мақомоти марбутаи давлатии кор бо ҷавононро ташкил ва роҳбарӣ менамоянд;

-меъёрҳои маҳаллии маблағгузории барномаҳои минтақавӣ ва маҳаллии ҷавонон ва фондҳои мусоидат ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавононро таҳия ва тасдиқ менамоянд;

-хадамоти иҷтимоии ҷавононро таъсис дода, фаъолияти онҳоро назорат мекунанд;

-маблағгузории сохтмони маҳаллӣ ва таъмини моддию техникӣ ва молиявии объектҳои ба мақомоти маҳаллии давлатии кор бо ҷавонон мансубро таъмин мекунанд;

-имтиёзҳои иловагиро бо мақсади дастгирии фаъолият ва инкишофи иҷтимоии ҷавонон муқаррар мекунанд;

-ба мақомоти **худидоракунии шаҳрак ва деҳот** ҷиҳати татбиқи барномаҳои минтақавӣ ва маҳаллии ҷавонон кӯмаки молиявӣ, ташкилӣ, методӣ мерасонанд; **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-ба фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ва шӯроҳои ҷавонон мусоидат мекунанд;

-бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси хизматчиёни давлатиро, ки сиёсати давлатии ҷавононро дар маҳал амалӣ менамоянд, дар робита бо **мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон** ташкил ва маблағгузорӣ менамоянд; **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-дигар фаъолиятро, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ менамоянд.

**Моддаи 12. Салоҳияти мақомоти маҳаллии кор бо ҷавонон**

Мақомоти маҳаллии кор бо ҷавонон:

-дар доираи салоҳият ва вазифаҳои худ сиёсати давлатии ҷавононро татбиқ мекунанд;

-дар доираи имкониятҳои худ оилаҳои бепарастормондаи иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, маъюбон, кӯдакони ятиму бепарасторро сарпарастӣ менамоянд;

-ба таъсиси марказҳое, ки **тавонбахшии** тиббию иҷтимоии ҷавонони нашъамандро таъмин менамоянд, мусоидат мекунанд. **(ҚҶТ аз 28.06.11г., №716)**

**- оид ба масъалаҳои таҳсил, фаъолияти меҳнатӣ, муҳоҷирати меҳнати, шуғл ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон, демографӣ ва танзими оила, танзими анъана ва ҷашну маросимҳо, мавқеи зан дар ҷомеа, мубориза бар зидди нашъаманди, майзадаги, экстремизм ва терроризм вохурию мулоқотҳо, конфронсҳои илмию амали, семинарҳои методӣ ва дигар чорабиниҳои омузишию маърифатӣ мегузаронанд. (ҚҶТ аз 28.06.11г., №716)**

Мақомоти маҳаллии кор бо ҷавонон якҷоя бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии идораи маориф, мақомоти маҳаллии идораи меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ:

-супориши давлатии таълимро дар асоси озмун оид ба тайёр кардани коргарон ва мутахассисони ҷавон дар муассисаҳои касбомӯзӣ, литсей ва коллеҷҳои касбомӯзии маҳаллӣ иҷро мекунанд;

-оид ба масъалаҳои таҳсил, фаъолияти меҳнатӣ, шуғл ва тарбияи ватанпарастии ҷавонон, демографӣ ва танзими оила, мавқеи зан дар ҷомеа, мубориза зидди нашъамандӣ ва зарари он вохӯрию мулоқот, конфронсҳои илмию амалӣ, семинарҳои методӣ мегузаронанд.

**Моддаи 13. Салоҳияти ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон**

Ташкилотҳои ғайридавлатӣ мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисотии онҳо дар раванди татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон иштирок менамоянд.

Ташкилотҳои ғайридавлатӣ:

-дар озмунҳо оид ба ҷойгиронии фармоишҳои давлатӣ ва фармоишҳои **мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ** оид ба таҳвили мол (кор, хизматрасонӣ) барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷавонон иштирок мекунанд; **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-дар татбиқи тадбирҳои пешбининамудаи барномаҳои давлатии минтақавӣ ва маҳаллии ҷавонон ҳисса мегузоранд;

-дигар фаъолиятро оид ба дастгирии сиёсати давлатии ҷавонон мутобиқи ҳуҷҷатҳои оинномавии худ амалӣ мегардонанд.

Ташкилотҳои ғайридавлатӣ дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар асоси шартнома мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок мекунанд.

## БОБИ 3
## АСОСҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН

**Моддаи 14. Ҳуқуқи ҷавонон дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон**

Ҷавонон дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба ҳуқуқҳои зерин соҳиб мебошанд:

**- иштироки фаъол дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон; (ҚҶТ аз 27.11.2014, №1161)**

-ба гирифтани кӯмаки самараноку ҳатмӣ бо тартибу шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-муносибати боэҳтирому инсонпарварона аз тарафи субъектҳои дастгирии давлатии ҷавонон;

-қабул кардан ё накардани ин ё он намуди кӯмаку имтиёз;

-истифодаи озоди иттилоот оид ба намуд ва шаклҳои кӯмак, тартиб ва шартҳои хизматрасонии иҷтимоӣ;

-соҳибкории озод;

-дастрас будани захираҳои моддӣ, молиявӣ, меҳнатӣ, иттилоотӣ, табиӣ ва истифодаи онҳо;

-имконияти баробари хариди амволи давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ба моликият гирифтани амволи давлатӣ ҳангоми хусусигардонии он.

Мустақим ва ғайримустақим маҳдуд сохтани ҳуқуқҳои **ҷавонон** аз рӯи синну сол, ҷинс ва дигар нишонаҳо дар асоси муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

Давлат шахсонеро, ки ба синни 18-солагӣ нарасидаанд, таҳти ҳимоя қарор дода, тартиби махсуси амалӣ гардонидани ҳуқуқи онҳоро муқаррар мекунад.

**Моддаи 15. Татбиқи ҳуқуқи ҷавонон ба моликият ва фаъолияти соҳибкорӣ**

Давлат ҳуқуқи ҷавононро ба моликият ва фаъолияти соҳибкорӣ кафолат медиҳад.

**Мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон**, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомоти идораи давлатӣ: **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкории ҷавононро дар доираи татбиқи барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллии ҷавонон дар асоси озмун аз ҷиҳати моддию техникӣ ва молиявӣ дастгирӣ менамоянд;

-ҷойгиронии фармоиши давлатиро дар асоси озмун оид ба таҳвили мол, иҷрои кор, хизматрасонӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷавонон дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон таъмин мекунанд;

-ба ташкилотҳои тиҷоратӣ, ки 75 фоизи ҳайати онҳоро ҷавонон ташкил медиҳанд ва ба истеҳсоли мол (кор, хизматрасонӣ) барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷавонон машғул мебошанд, субвенсия (мусоидати молиявӣ) медиҳанд. Маблаған чунин мусоидат аз 50 фоизи хароҷоти воқеии ташкилотҳои мазкур оид ба истеҳсоли мол (кор, хизматрасонӣ) барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷавонон зиёд буда наметавонад;

-ташкилотҳои мазкурро инчунин тавассути иҷораи имтиёзноки биноҳо ва таҷҳизот, пешниҳоди ройгони иттилооти тиҷоратӣ, паст кардани нархи ҷойгиронии реклама, андозҳои имтиёзнок мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дастгирӣ менамоянд.

**Моддаи 16. Татбиқи ҳуқуқи ҷавонон ба меҳнат**

**Ҷавонон** ба меҳнат, интихоби касбу кор ва ҳифзи меҳнат ҳақ доранд. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, **худидоракунии шаҳрак ва деҳот** маҳаллӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллии ҷавонон: **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-маблағгузории чорабиниҳоро, ки ба мақсади ташкили ҷои кор барои ҷавонон андешида мешаванд, таъмин менамоянд;

-ба фаъолияти ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, оид ба таъмини шуғл, тамоюли касбӣ ва тайёрии касбии шаҳрвандони ҷавон мусоидат мекунанд;

-илова ба тадбирҳое, ки мақомоти идораи меҳнат ва шуғли аҳолӣ, маориф ва тандурустӣ дар соҳаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон амалӣ менамоянд, имкон доранд ташкилотҳои махсусро, ки ба шуғл, тамоюли касбӣ, тайёрии касбӣ, бозомӯзии кормандони ҷавон, ташкили кори мавсимии онҳо мусоидат мекунанд, таъсис диҳанд ва ташкилотҳои мазкурро бо бино, таҷҳизот ва маблағ таъмин намоянд;

**- омузиши касбу хунар, асосҳои қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва таълими забонҳои хориҷиро ташкил менамоянд; (ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-корфармоёнеро, ки ба хизмати иҷтимоӣ, шуғли ҷавонон дар соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ, илму техника, маориф, фарҳанг, тандурустӣ мусоидат мекунанд, ҳавасманд мегардонанд.

Корфармоён вазифадоранд, ки хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ, шахсонеро, ки ба синни 18-солагӣ нарасидаанд ва ба ҳифзи иҷтимоӣ мӯҳтоҷанд, дар раванди дарёфти ҷои кор танқисӣ мекашанд (наврасони ятиму бепарастор, маъюбон, шаҳрвандони ҷавон, аз ҷумла собиқ аскарони Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқадорони амалиёти ҳарбӣ), бо роҳхати мақомоти давлатии идораи меҳнат ва шуғли аҳолӣ фиристода мешаванд, бо кор таъмин намоянд. Ҳиссаи (квотаи) марбута ҳар сол ба талаботи бо кор таъминкунӣ мувофиқ карда, ба маълумоти корфармоён на дертар аз анҷоми соли таҳсил расонида мешавад.

Татбиқи иҷрои қоидаҳои ҳиссаи (квотаи) бо кор таъминкунии маъюбонро, нисбати маъюбони ҷавон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шуғли аҳолӣ ва ҳифзи иҷтимоии маъюбон анҷом медиҳанд.

Нисбати шаҳрвандони ҷавон, ки муассисаи таҳсилоти умумиро хатм карда, синну солашон ба 16

расидааст ва бори аввал ба кор мераванд, инчунин нисбати ноболиғоне, ки синну солашон ба 14 расида, берун аз вақти таҳсил дар мактаб кор мекунанд, тадбирҳои афзалиятноки давлатии таъмини ҷавонон бо ҷои кор татбиқ мегарданд.

Ташкилоту муассисаҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат барои бо кор таъмин намудани шаҳрвандони ҷавон ҳиссаи (квотаи) ҷойҳои корӣ муайян мекунанд. Муносибатҳои меҳнатӣ бо шартномаи меҳнатие, ки байни шаҳрвандони ҷавон ва ташкилотҳо (корфармоён) баста мешавад, муайян карда мешаванд.

**Моддаи 17. Татбиқи ҳуқуқи ҷавонон ба истироҳат ва ҳифзи саломатӣ**

Ташкили истироҳат ва ҳифзи саломатии ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии ҷавонон ба шумор меравад.

**Мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон**, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, **худидоракунии шаҳрак ва деҳот** маҳаллӣ: **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-якҷоя бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ғайритиҷоратӣ ҳангоми аз эътидол гузаштани меъёрҳои ҳадди ниҳоии паҳншавии касалиҳои махсусан хатарнок, аз ҷумла бемориҳои узвҳои таносул, **вируси норасоии масунияти одам, бемории пайдошудаи норасоии масуният ва бемориҳои ба воситаи алоқаи ҷинсӣ гузаранда**, нашъамандӣ, майзадагӣ, дигар касалиҳо, ки ба афзоиши маъюбӣ ва фавти ҷавонон сабаб мешаванд, оиди пешгирии паҳншавии чунин касалиҳо тадбирҳои таъхирнопазир меандешанд. Татбиқи тадбирҳои мазкур аз манбаъҳои мухталиф тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ карда мешавад; **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-якҷоя бо мақомоти ваколатдори давлатӣ ва маҳаллии идораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, иттиҳодияҳои ҳарбию ватандӯстии ҷавонон, дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ тарғибу ташвиқи тарбияи ҷисмонӣ, тарзи ҳаёти солим, ватандӯстиро ба роҳ монда, ташкилотҳои ҷавононро дар соҳаи ҷалб кардани онҳо ба тарбияи ҷисмонӣ, варзиш, намудҳои ғайриолимпии варзиш, аз ҷумла техникӣ, ки дар доираи тайёрии **ҷавонон** ба хизмат дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардонида мешаванд, гузаронидани мусобиқаҳои варзишӣ ва дигар чорабиниҳо дастгирӣ менамоянд. Тартиби истифодаи ройгон ва имтиёзноки иншооти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ҷуброни фарқи нархи хизматрасонӣ ва чиптаро мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян менамоянд; **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-бо ташкилоту муассисаҳои истироҳатию солимгардонӣ, ки дар ноҳияҳои дорои шароити мусоиди обу ҳаво ва экологӣ фаъолият мекунанд, инчунин бо воситаҳои ахбори умум дар асоси барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ, маҳаллии ҷавонон дар бораи тарғибу ташвиқи тарзи ҳаёти солим, ҳифзи саломатии онҳо шартномаҳои дарозмӯҳлат мебанданд;

-ташкилотҳои ҷавонон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии онҳоро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар соҳаи иҷрои ташкили истироҳат, лагерҳои тобистонию зимистонӣ ва инкишофи туризми ҷавонон дастгирӣ менамоянд;

-ба ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, ки барномаҳои пешниҳоднамудаи онҳо оид ба ташкили истироҳат ва солимгардонии ҷавонон аз озмун гузаштаанд, маблағи заруриро дар асоси шарту шароити ҷобаҷогузории фармоиши давлатӣ ва маҳаллӣ оид ба таҳвили мол (кор, хизматрасонӣ) барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷавонон ҷудо менамоянд.

Давлат рушди туризми ҷавонон, ташкилу баргузории сафарҳои байналмилалии ҷавонон, инкишофи муносибатҳои дӯстонаву кории миёни мамлакатҳо, мубодилаи таҷрибаро дар соҳаи сиёсати ҷавонон, илм, маориф, фарҳанг, туризм ва варзиш ҳамаҷониба дастгирӣ мекунад.

Хизматрасонии тиббӣ барои кӯдакону наврасон дар ҳамаи намудҳои муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла дар муассисаҳои таҳсилоти махсус ройгон аст.

**Моддаи 18. Татбиқи ҳуқуқи ҷавонон ба таҳсил**

Ҳуқуқи ҷавонон ба таҳсил бо Қонуни мазкур, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи маориф ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

Давлат барои таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари ҷавонон ба таҳсил шаҳрвандони ҷавон, хусусан аз оилаҳои камбизоат ва серфарзанд, духтарони деҳот, ҷавонони соҳибистеъдодро бо тартиби афзалиятнок дастгирӣ менамояд.

Муносибати байни шаҳрвандони ҷавон ва муассисаҳои таълимӣ ба баробарҳуқуқии ҳамаи омилҳои раванди таълиму тарбия асос меёбад.

Ҳуқуқ ва вазифаҳои **наврасону ҷавонон** дар муносибат бо мақомоти муассисаҳои таълиму тарбия дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои мақомоти худидоракунии муассисаҳои таълиму тарбия, шартномаҳои байни хонандагон ва маъмурияти муассисаҳои таълиму тарбия муқаррар карда мешаванд.

Маъмурият ва кормандони муассисаҳои таълиму тарбия ҳақ надоранд **наврасону ҷавононро** ба иҷрои корҳои ба таълиму тарбия вобаста набуда, ба даст кашидан аз истифодаи ҳуқуқи худ маҷбур намоянд, қадру эътибори ҷавононро паст зананд.

Дар сурати аз ҷониби маъмурият ё кормандони муассисаҳои марбута ба вуқӯъ пайвастани чунин амали ғайриқонунӣ **наврасону ҷавонон**, ки ҳуқуқи онҳо поймол шудааст ё намояндагони қонунии онҳо, ҳақ доранд бо тартиби судӣ пардохти зарари расонидашударо талаб намоянд. **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

Шаҳрвандони ҷавон, ки дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, олии касбӣ, **олии касбии баъд аз муассисаи олии таълими** дар асоси шартнома пулакӣ таълим мегиранд, имкон

доранд барои давом додани таҳсил қарзи бонкӣ гиранд. Шаҳрвандони ҷавон аз оилаҳои камбизоат ва серфарзанд, собиқ аскарони Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқадорони амалиёти ҳарбӣ, инчунин шахсони соҳибистеъдод метавонанд қарзи марбутаро дар асоси шарту шароити имтиёзнок тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дарёфт кунанд. **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

Хароҷоти бонкҳои тиҷоратӣ оиди пешниҳоди қарзи имтиёзнок барои соҳиби таҳсилот шудани шаҳрвандони ҷавон аз ҳисоби буҷети дахлдор пардохта мешавад, агар чунин хароҷотро барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллии ҷавонон, барномаҳои дахлдори мусоидат бо шуғли аҳолӣ пешбинӣ намуда бошанд.

**Моддаи 19. Дастгирии давлатии оилаҳои ҷавон**

Бо мақсади дастгирии давлатии оилаҳои ҷавон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои зерин андешида мешаванд:

-кӯмаки моддӣ, хизмати таълимӣ, тиббӣ, ҳуқуқӣ, психологию омӯзишӣ ба оилаҳои ҷавон ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва маишии онҳо;

-кӯмаки молиявии (субсидияи) таъхирнопазир ба оилаҳои ҷавон дар доираи барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллии ҷавонон;

-беҳтар кардани шароити хонаву ҷойи оилаҳои ҷавони камбизоат аз ҳисоби фонди манзили истифодаи иҷтимоӣ;

-таъмини хизматрасонии ройгони иттилоотӣ ва машваратии оилаҳои ҷавон дар муассисаҳои марбутаи давлатӣ ва маҳаллӣ аз ҳисоби буҷетҳои ҷумҳуриявию маҳаллӣ;

-ҷудо кардани қитъаҳои замин барои сохтани хонаҳои шахсӣ, пардохти ҳаққи саҳм дар кооперативҳои манзилию сохтмонӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**- татбики чорахо барои омода намудани ҷавонон ба ҳаёти мустақилонаи онлавӣ, мусоидат ба омӯзиши асосхои танзими оила;**

**- мусоидат ба рушди низоми муассисаҳои томактаби. (ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

Оилаҳои ҷавон имкон доранд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қарзи дарозмӯҳлат барои сохтмони манзил, харидани хонаҳои истиқоматӣ, асбобҳои рӯзгори истифодаашон дарозмӯҳлат ва ташкили хоҷагӣ истифода баранд.

Бо мақсади ҳавасмандгардонии ҷавонон барои ташкили оила, устувор гардонидани он, таваллуд ва тарбияи кӯдакон кӯмаки моддию молиявӣ, дигар навъҳои ёрӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

Фаъолияти **ҷавононе**, ки бо мақсади сохтмони комплексҳои ҷавонон муттаҳид мешаванд, мутобиқи меъёр ва тартиби муқаррарнамудаи қисми дуюми моддаи 15 Қонуни мазкур дастгирӣ карда мешавад. **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

Мақомоти марбутаи давлатии идоракунӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои комплексҳои манзилии ҷавонон, ҳангоми аз тарафи давлат дастгирӣ ёфтани барномаи онҳо дар асоси шартнома аз ҷиҳати молиявӣ кӯмак мекунанд.

Давлат раванди демографиро танзим карда, ташаббуси оилаҳои ҷавонро ҷиҳати банақшагирии оила дастгирӣ менамояд.

**Моддаи 19[1]. Дастгирии давлатни ҷавонони соҳибистеъдод**

**Дастгпргш давлатии ҷавонони соҳибистеъдод кисми таркибии сиёсати давлатпи ҷавонон дар Ҷумхурин Тоҷикистон буда, бо роҳҳои зерин амали карда мешавад:**

**- муқаррар намудани стипендия, мукофот, пешниҳоди грантҳои давлатпи таҳсилоти тибқи қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон;**

**- ташкилн фондҳои махсус;**

**- бунёд ва рушди марказҳо оид ба муайяе ва тайёр намудани ҷавонони соҳибистеъдод;**

**- ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо бо максади муайян ва пахн камудани дастовардҳои илмӣ ва эҷодии ҷавонон;**

**- таъмини дастрасии ҷавонони соҳибистеъдод ба барномаҳо.и тахрилотӣ, такмили ихтисос ва коромӯзӣ дар дохил ва хориҷи кишвар дар асоси озмун;**

**- муҳайё намудани шароит ба олимони ҷавон, кормандони ҷавони соҳаҳои маориф ва фарҳанг бахри амалӣ намудани фаъолияти илмию эҷодӣ, мусоидат ба амалӣ гаштани дастовардҳои олимони ҷавон;**

**-ҳавасмандгардонии маънавии шахсони вокеӣ ва хукуқӣ, ки ҷавонони соҳибистеъдодро дастгирӣ менамоянд. (ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

## БОБИ 4
## АСОСҲОИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОИИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН

**Моддаи 20. Маблағгузории татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон**

Дар буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ ҳар сол барои тадбирҳои зерини татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон маблағ ҷудо карда мешавад:

-татбиқи барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллии ҷавонон;

-амалӣ намудани робитаҳои байналмилалии ҷавонон мутобиқи шартномаҳои байналмилалии

Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-ташаккули фондҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии мусоидат ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон;

-хароҷоти сохтмон ва таъмири объектҳое, ки ба **мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон** мансуб мебошанд. **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

Барои тадбирҳо оид ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон имкон дорад аз манбаъҳои ғайрибуҷетӣ ва дигар маблағҳое, ки мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалб шудаанд, маблағ ҷудо карда шавад.

**Моддаи 21. Асосҳои дастгирии иқтисодию иҷтимоии давлатии ҷавонон**

Дастгирии иқтисодию иҷтимоии ҷавонон маҷмӯи тадбирҳоест оид ба таъминоти моддӣ, молиявӣ ва пешниҳоди хизмату имтиёз, ки он аз ҳисоби манбаъҳои буҷетӣ ва ғайрибуҷетӣ бо мақсади худинкишофёбӣ ва худтаъминкунии ҷавонон, татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон маблағгузорӣ мешавад.

Дастгирии иқтисодию иҷтимоии ҷавонон метавонад давлатӣ ва ғайридавлатӣ бошад.

Барои дастгирии иқтисодию иҷтимоии ҷавонон инҳо асос шуда метавонанд:

-надоштани даромад, ки ҳадди ақали рӯзгузарониро таъмин мекунад;

**- ба соҳибкорӣ машғул будани ҷавонон; (ҚҶТ аз 27.11.2014, №1161)**

- ғайриимкон будани пардохти таҳсил.

**Моддаи 22. Дастгирии иҷтимоии ҷавонон**

Дастгирии иҷтимоии ҷавонон бо роҳҳои зерин амалӣ мегардад:

-маслиҳат доир ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, психологӣ, **омӯзишӣ**, тарбияи эстетикӣ, оилавӣ ва мавзӯъҳои таносулӣ;

-ёрии психологӣ, тиббӣ, наркологӣ ва дигар шаклҳои ёрӣ ба ҷавонон ва падару модарони онҳо **ва ё шахсони онҳоро ивазкунанда**; **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-иҷрои тадбирҳои **тавонбахшии** нисбати маъюбон, собиқ аскарони Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, собиқадорони амалиёти ҳарбӣ, шахсоне, ки аз муассисаҳои таҳсилоти махсус баргаштаанд ё шахсоне, ки аз нашъамандӣ, майзадагӣ, токсикологӣ табобат ёфтаанд, инчунин шахсоне, ки гирифтори **вируси норасоии масунияти одам, бемории пайдошудаи норасоии масуният ва бемориҳои ба воситаи алоқаи ҷинсӣ гузаранда** мебошанд; **(ҚҶТ аз 28.06.11г., №716)**

-хизматрасонии муташаккили тиббӣ (патронажӣ) ба оилаҳои ҷавон;

**- касбу ҳунаромӯзӣ, омӯзиши забонҳо ва технологияи муосир,** бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси ҷавонон, таъмини онҳо бо иттилоот дар бораи ҷойи кор ва вазифаҳои холӣ, ёрии муассисаҳои давлатии шуғл барои интихоби муносиби ҷойи кор ва бо кор таъмин кардани ҷавонон; **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

-ташкили пардохти ройгон ва имтиёзноки харҷи роҳ;

-ташкили истироҳат ва солимгардонии тобистонаи **ноболигон** аз оилаҳои камбизоат ва серфарзанд; **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

**- дигар хизматрасониҳои иҷтимоӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон. (ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

**Моддаи 23. Муассисаҳои иҷтимоии ҷавонон**

Барои татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва таъмини кафолат ба **ҷавононе**, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, имкон дорад муассисаҳои иҷтимоии ҷавонон таъсис дода шаванд. **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

Ба вазифаҳои муассисаҳои иҷтимоии ҷавонон дохил мешаванд:

-ба ҷавонон дастрас кардани иттилоот дар бораи ҳуқуқ ва имкониятҳои онҳо;

-маслиҳат ба ноболиғон, шаҳрвандони ҷавон, падару модарони онҳо, расонидани кӯмаки ҳуқуқӣ, психологӣ, омӯзишӣ ва наркологӣ;

-дастгирии иҷтимоии оилаҳои ҷавон;

-кӯмак ба шаҳрвандони ҷавон, ки ба табобати тӯлонӣ эҳтиёҷ доранд, гирифтори иллати ҷисмонӣ, рӯҳӣ мебошанд ё рафтори онҳо барои ҷамъият хавфнок буда, ба шароити алоҳидаи таълиму тарбия мӯҳтоҷанд ва муносибати махсуси омӯзгориро талаб мекунанд, инчунин шахсоне, ки мӯҳлати тарбияву таҳсили онҳо дар муассисаҳои давлатии кӯдакон ба охир расидааст ё **ноболиғоне,** ки бепарастор мондаанд;

-фаъолияти иҷтимоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти махсус дар байни ноболиғони қонуншиканӣ карда;

-кӯмак ба **мутобиқати** ҷавононе, ки баробари тамом кардани мӯҳлати адои ҷазо аз ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ озод шудаанд; **(ҚҶТ аз 28.06.11г., №716)**

-дигар фаъолият оид ба дастгирии иҷтимоии ҷавонон ва фароҳам овардани шароити мусоиди инкишофи онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар муассисаҳои иҷтимоии ҷавонон шахсоне фаъолият карда метавонанд, ки дорои таҳсилоти дахлдор ва тайёрии касбӣ буда, бо тартиби муқарраргардида аз аттестатсия гузаштаанд.

**Моддаи 24. Ташкилотҳои махсуси кор бо ҷавонон**

Ба ташкилотҳои махсуси кор бо ҷавонон инҳо тааллуқ доранд:

-муассисаҳои иҷтимоӣ, марказҳои иттилоот, ташкилотҳои мусоидат ба шуғли ҷавонон (барномаҳои

меҳнатӣ ва марказҳои шуғли ҷавонон);

-хона ва қасрҳои ҷавонон, муассисаҳои ҷисмонию варзишӣ, марказҳо ва клубҳои ҷавонон;

-иттиҳодия ва дастаҳои ҷӯяндагон, марказ ва лагерҳои солимгардонӣ;

-дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки барнома ва нақшаи кор бо ҷавонон, аз ҷумла барномаҳои ғайритиҷоратии муфидро анҷом медиҳанд.

Фаъолияти ташкилотҳои махсуси кор бо ҷавонон, аз ҷумла фаъолият оид ба истеҳсоли мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) барои ҷавонон, ҳуҷҷатҳои таъсисотии онҳо ва низомномаҳои намунавии ташкилотҳои мазкур танзим менамоянд.

**Мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон**, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, **худидоракунии шаҳрак ва деҳот** маҳаллӣ фаъолияти ташкилотҳои махсуси кор бо ҷавононро ҳамоҳанг сохта, онҳоро дар асоси шартнома аз ҷиҳати моддӣ ва молиявӣ дастгирӣ менамоянд. **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

**Моддаи 25. Фондҳои мусоидат ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон**

Барои маблағгузории барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллии ҷавонон имкон дорад фондҳои мусоидат таъсис дода шаванд.

Ба фондҳои мусоидат тааллуқ доранд:

-фонди ҷумҳуриявии ҷавонон;

-фондҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ.

Бо қарори коллективи ташкилоту муассисаҳо имкон дорад фондҳои мусоидати ташкилоту муассисаҳо таъсис дода шаванд. Қарори таъсиси фонди мусоидат дар ин сурат бояд дар шартномаи коллективӣ зикр гардад.

Фондҳои мусоидат аз манбаъҳои зерин ташаккул меёбанд:

-маблағҷудокунӣ аз буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ;

-даромад аз фаъолияти фондҳои марбута;

-воридот аз ҳисоби фоидаи ташкилотҳо, муассисаҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон;

-воридот аз эҳсонкории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

-дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

Тартиби ҷудо кардани маблағ барои фондҳои мусоидат аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ бо мақсади маблағгузории барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи буҷет, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Ташкилоту муассисаҳое, ки ба фондҳои мусоидат барои сохтмон ва таъмири объектҳои иҷтимоию фарҳангӣ маблағ ҷудо мекунанд, имкон доранд аз имтиёзҳои андозбандӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода баранд.

Тартиби таъсиси фонди ҷумҳуриявии мусоидат ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, истифодаи мақсадноки маблағҳои онро Низомномаи фонди ҷумҳуриявии мусоидат ба татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад, муайян менамояд.

Низомномаи фондҳои маҳаллии мусоидат ба сиёсати давлатии ҷавононро мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тасдиқ мекунанд.

**Моддаи 26. Воҳидҳои зерсохтории иҷтимоии ҷавонон**

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, **худидоракунии шаҳрак ва деҳот** маҳаллӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон воҳидҳои зерсохтории иҷтимоии ҷавононро таъсис дода, фаъолияти онҳоро таъмин ва назорат менамоянд. **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

Ҳангоми қабули қарор оид ба таъсис, азнавташкилдиҳӣ, тағйири таъиноти воҳидҳои зерсохтори иҷтимоии ҷавонон ва барҳамдиҳии онҳо бо мақсади таъмини таълиму тарбия, инкишофи ҷисмонӣ, маънавӣ ва ахлоқии **ҷавонон** экспертизаи оқибати қабули қарори мазкур гузаронида мешавад. **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

Қарори мақомоти дахлдори иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар бораи шаҳрсозӣ бо назардошти меъёрҳои сохтмони объектҳои зерсохтори иҷтимоӣ, анъанаҳои миллӣ, инкишофи ояндаи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии шаҳру ноҳияҳо қабул карда мешавад.

Моликияти давлатӣ, аз ҷумла қитъаҳои замин, биноҳо, иншоот, таҷҳизот, ки барои таъмини фаъолияти воҳидҳои зерсохтории иҷтимоии ҷавонон, аз ҷумла барои таъмини раванди таълиму тарбия, ҷудо карда ё фурӯхта мешавад, танҳо барои мақсадҳои марбута истифода мешавад.

Дар сурати истифодаи камсамари амволи мазкур молик имкон дорад дар бораи ба дигар мақсад истифода бурдани он қарор қабул кунад. Дар ҳолати аз даст рафтани объекти зерсохтории иҷтимоии ҷавонон аз ҷониби мақомоти марбутаи ҳокимияти маҳаллӣ оиди ҷуброни он қаблан бояд тадбирҳои дахлдор андешида шаванд.

Тадбирҳо оид ба сохтмон ва таъмири объектҳои зерсохтории иҷтимоии ҷавонон мувофиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдори иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва маҳаллии инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ амалӣ карда мешаванд.

Тартиби фаъолияти воҳидҳои зерсохтории иҷтимоии ҷавонон, тадбирҳои дастгирии моддию

техникӣ ва молиявии онҳо дар асоси низомномаи намунавӣ, ки мақомоти ваколатдори иҷроияи ҳокимияти давлатӣ тасдиқ мекунад, муайян карда мешаванд.

## БОБИ 5
## ИТТИҲОДИЯҲОИ ҶАМЪИЯТИИ ҶАВОНОН

**Моддаи 27. Вазъи ҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон**

Вазъи ҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавононро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамоянд.

Талаботи ҳатмии оинномавии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон бояд маҳдудияти синну сол бошад, ки дар моддаи якуми Қонуни мазкур муқаррар гардидааст.

Барои иттиҳодияҳои эҷодии ҷавонон бо назардошти хусусиятҳои фаъолияти эҷодӣ, синну соли ниҳоӣ, ки моддаи якуми Қонуни мазкур муқаррар кардааст, 5 сол зиёд карда мешавад.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон ҳақ доранд барои аъзояшон, ки ба ҳайати мақомоти интихобии иттиҳодияҳои марбута интихоб шудаанд ё дар мақомоти мазкур кор мекунанд, нисбат ба талаботи оинномa истисно муқаррар намоянд. Теъдоди чунин аъзо набояд аз панҷяки шумораи умумии аъзои иттиҳодияҳои мазкур зиёд бошад.

Мустақим ё ғайримустақим маҷбур кардани **ҷавононе** ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, инчунин маҳдуд кардани иштироки онҳо дар фаъолияти иттиҳодияҳои мазкур манъ аст. **(ҚҶТ аз 28.06.11с., №716)**

**Моддаи 28. Дастгирии давлатии иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон**

Мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавононро барои иҷрои вазифаҳои оинномавии онҳо аз нигоҳи ташкилию ҳуқуқӣ ва молиявӣ дастгирӣ менамоянд.

Аз дастгирии **ҷавононе** дар соҳаи иҷрои ҳуқуқҳои конститутсионии онҳо кӯмаки амалӣ расонда, аз манфиатҳои сиёсӣ озод бошанд.**(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

**Мақомоти давлатӣ, мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо тартиботи муқарраrнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон дар амалӣ намудани вазифаҳои оинномавии онҳо дар доираи имкониятҳои мавҷуда мусоидат менамоянд. (ҚҶТ аз 27.11.2014, №1161)**

**Давлат иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавононро, ки дар рушди сиёсати иҷтимоӣ ва тарбияи ватандӯстии ҷавонон барномаҳо амалӣ мекунанд, дастгирӣ менамояд. (ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

**Моддаи 29. Шӯрои кор бо ҷавонон**

**Барои ҳамоҳангсозӣ ва татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавонон дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои миллии кор бо ҷавонон таъсис дода мешавад. Шӯрои миллии кор бо ҷавонон фаъолияти худро дар асоси Низомномае, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, амалӣ менамояд. (ҚҶТ аз 27.11.2014, №1161)**

**Бо мақсади татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ва дастгирии ҷавонон дар назди мақомоти маҳаллии кор бо ҷавонон шӯроҳои кор бо ҷавонон таъсис дода мешаванд. (ҚҶТ аз 27.11.2014, №1161)**

Тартиби таъсис, вазифаҳо ва самтҳои фаъолияти шӯроҳои кор бо ҷавонон бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки **мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон** тасдиқ менамояд, муайян карда мешаванд. **(ҚҶТ аз 28.06.11с.,№716)**

Шӯроҳои кор бо ҷавонон:

-фаъолияти субъектҳои раванди татбиқи сиёсати давлатии ҷавононро ҳамоҳанг мегардонанд;

-хароҷоти мақсадноки маблағи буҷетро мувофиқа ва назорат мекунанд;

-манфиатҳои субъектҳои дастгирии давлатии ҷавононро ташаккул дода ва ифода намуда, ҳифзи иҷтимоии онҳоро таъмин мекунанд;

- оид ба масъалаҳои мухталифи сиёсати давлатии ҷавонон ба мақомоти давлатии кор бо ҷавонон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомоти идоракунӣ таклифҳо пешниҳод мекунанд;

**- масъалаҳои марбут ба татбиқи самараноки сиёсати давлатии ҷавононро баррасӣ карда, вобаста ба ҳалли онҳо қарорҳои дахлдор қабул менамоянд. (ҚҶТ аз 27.11.2014, №1161)**

Шӯроҳои кор бо ҷавонон тавассути намояндагони худ имкон доранд дар ҷаласа ва маҷлисҳои мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомоти идоракунӣ, ки масъалаҳои сиёсати давлатии ҷавононро баррасӣ мекунанд, иштирок намоянд.

Ба ҳайати шӯроҳои кор бо ҷавонон намояндагони мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии ҷавонон, ташкилотҳои ғайридавлатӣ, муассисаҳои таълимӣ, тандурустӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва иттифоқҳои касаба дохил шуда метавонанд.

## БОБИ 6
## МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 30. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 31. Аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон" ва боби V Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дохил кардани тағйироту иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузорӣ"**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон" аз 13 марти соли 1992 (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1992, № 9, моддаи 123) ва боби V Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дохил кардани тағйироту иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузорӣ" аз 1 феврали соли 1996 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1996, № 3, моддаи 48) аз эътибор соқит дониста шаванд.

**Моддаи 32. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э.Раҳмонов**

**ш. Душанбе 15 июли соли 2004**
**№ 52**